Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити гузаштан ба тартиби нави технологӣ рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба хусусиятҳои сифатии кормандон бевосита алоқамандии зич дорад. Ташаккули низоми оқилонаи қабули қарорҳои идоракунӣ, иқтидори меҳнатӣ ва таъминоти кадрӣ, ки такрористеҳсолкунии васеи захираҳои инсониро таъмин мекунанд, шарти ҳатмии ноил шудан ва нигоҳ доштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба системаи идоракунии кормандон рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад, зеро пешрафти доимии технологӣ ва трансформатсияи рақамӣ ба ҷомеа таъсири ҳамаҷониба доранд. Тағйироти сифатӣ дар равандҳои бизнес ва моделҳои фаъолият, ки дар доираи платформаҳои рақамӣ ба вуҷуд меоянд, ҳамчун нишона имкон медиҳанд, ки трансформатсияи рақамӣ ҳамчун тағйироти сифатӣ дар роҳҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ муайян карда шавад. Раванди омӯзиши технологияҳои рақамӣ ниҳоят муҳим аст, зеро муҳити рақамӣ имкониятҳои васеъро барои такмил додани корхона дар ҳама самтҳои идоракунии кормандон фароҳам меорад.

Дар навбати худ, рушди тамоюлҳои нави марбут ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи идоракунии кормандон таъминоти босифати ташкилотро бо кормандоне, ки қодиранд дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти худ ғояҳои навро эҷод ва самаранок татбиқ кунанд, пеш аз ҳама касбият ва салоҳиятро муайян мекунад. Татбиқи дурусти IT дар раванди кор бо кормандон метавонад ба худи кормандон, корхона ва тамоми ҷомеа нафъ расонад.

Ба андешаи мо, татбиқи самтҳои дар боло зикргардидаи рақамикунонии системаи идоракунии кадрҳо ҷалби мутахассисони дорои донишу малакаи мувофиқро дар таҳия ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди идоракунӣ, инчунин баланд бардоштани талабот нисбат ба кормандон, ки бо истифода аз ин технология дар меҳмонхона фаъолият доранд зиёд менамояд. Кормандоне, ки IT-ро дар меҳмонхона истифода мебаранд, бояд дорои дониши рақамӣ ва тафаккури системавӣ бошанд.

Мавзуи таҳқиқшаванда хеле муҳим ва актуалӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаву тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гаштаанд.

Дар баробари он, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин камбудиҳо ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат ҳангоми пешниҳоди маводҳо пайдарпайии мантиқӣ риоя нашудааст;

2. Муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро доир ба такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар ҷадвали 9 нишон додааст, аммо зарурияти истифодаи онро дар амалия, дар ша҄ри Душанбе ба таври зарурӣ шарҳу эзоҳ надодааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» мувофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ҳамроев Ф.М.**

**Дурустии имзои Ф.М. Ҳамроевро тасдиқ менамоияд,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуеӣ**
**ДТТ ба номи М.С. Осимӣ.** **Қодирзода Н.Ҳ.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. Тел.:+992(372) 21-35-11, +992 (372) 23-02-46, +992 934-10-39-62, E-mail:info@ttu.tj, ttu@ttu.tj